## ХУЛОСАИ

**комиссияи ташхисии Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-061 дар назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи НосириХусрав оид ба диссертатсияи номзадии Гулматов Маҳмадалӣ Давлаталиевич дар мавзӯи «Маджмаʻал-аркам» Мирзы Бадиʻ Дивана как источник по истории математики Бухарского эмирата XIX - начала XX веков», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.10 –Таърихи илм ва техника (таърихи математика), пешниҳод гардидааст.**

Дар асоси қарори раиси Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-061 Комилӣ А. Ш. аз 01.12.2022, №2 комиссияи ташхисӣ дар ҳайати 3 нафар тасдиқ шудааст: доктори илмҳои таърих, **Қурбонов Б.Р.** (ихтисоси 07.00.02. – таърихи ватанӣ) – раиси комиссия, доктори илмҳои педагогӣ, **Шодиён М.С.** (ихтисоси 13.00.02 - назария ва методикаи омӯзишу парвариш (математика) – узви комиссия, номзади илмҳои таърих, **Шарифзода Б**. (ихтисоси 07.00.10. – таърихи илм ва техника) – узви комиссия.

Комиссияи экспертӣ таҳқиқоти диссертатсионии Гулматов Маҳмадалӣ Давлаталиевичро омӯхта ва мавриди баррасӣ қарор дода ҳисобмекунад, ки он кори баитмомрасидаи илмӣ-тахассусӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи баланди илмӣ анҷом дода шудааст. Таҳқиқот ба ҳадафҳои стратегии мамлакат роҷеъ ба мувофиқгардонии натиҷаҳои илмҳои бунёдӣ, дақиқ, техникӣ ва эксперименталӣ ба воқеияти объективӣ созгор буда, ба «Бистсолаи омӯзиш ва рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ» дар солҳои 202-2040 бахшида шудааст ва мушаххасан таърихи камомӯхташудаи илмҳои дақиқ, минҷумла таърихи математикаро дар бар мегирад.

Мавзӯи диссертатсионии Гулматов М.Д. аҳаммияти муҳимми илмӣ дошта, бо он асоснок мегардад, ки дастнависи «Маҷмаъ-ул-арқом» барои таърихи математикаи Аморати Бухоро арзиши бузург дорад, зеро то ҳол ягона сарчашмаи давраи таҳқиқшаванда аст, ки олими маҳаллӣ навиштааст. Ин асар тасдиқ мекунад, ки математика характери амалӣ дошт, дар ҳаёти иқтисодии ҷомеа татбиқ мешуд ва бо дигар илмҳои амалӣ алоқамандии зич пайдо карда буд. Таҳқиқи илмии ин мавзуъ имкон медиҳад, ки вазъи илму маориф дар Аморати Бухоро, аз ҷумла математика баҳо дода, соҳаҳои татбиқи ин донишҳо дар ҳаёти рӯзмарраи мардум муайян карда шавад.

Рисолаи мазкур аввалин таҳқиқоти илмӣ оид ба таърихи илмҳои дақиқ, аз ҷумла математикаи халқи тоҷики охири асрҳои миёна (XIX-

аввали XX) мебошад. Ба ин давраи хронологӣ асарҳо ва ёддоштҳои олимон, дипломатҳо ва низомиёни рус, ки ба аморат омада буданд, бахшида шудаанд. Инчунин осори таърихии олимон, нависандагон ва шоирони маҳаллӣ низ мавҷуданд, ки теъдоди онҳо хеле маҳдуд аст. Дар замони шуравӣ ба омӯзиши таърихи халқи тоҷики ин давра корҳои илмӣ, китобу монографияҳои зиёд бахшида шуда буданд, вале онҳо асосан ба таърихи сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодии аморат дахл доштанд. Вазъи илмҳо, аз ҷумла илмҳои дақиқи ин давраи таърихӣ дар адабиёт фаро гирифта нашудааст, ё ба бахши таърихи санъату фарҳанг шомил шудаанд, ки дар бораи масъалаи баррасишаванда тасаввуроти дақиқ намедиҳад.

Ҳадафи асосии таҳқиқот омӯзиши таърихи математикаи Аморати Бухорои давраи хронологии баррасишаванда дар асоси дастхати асри XVIII «Маҷмаъ-ул-арқом»-и Мирзо Бадеи Девон мебошад.

Барои татбиқи ҳадафи гузошташуда унвонҷӯ иҷрои вазифаҳои зеринро зарур донистааст: таҳқиқи вазъи маориф ва илми Аморати Бухоро дар асоси асарҳои таърихии олимони рус, шуравӣ ва тоҷик; омӯзиши дастхатҳои асримиёнагӣ доир ба астрономия, арифметика, алгебра ва геометрия, ки дар китобхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар кишварҳо маҳфузанд; таҳқиқи дастнависи Китобхонаи миллии Тоҷикистон, №649 «Маҷмаъ-ул-арқом» (مجمع الارقام)-и Мирзо Бадеи Девон ҳамчун манбаи асосии таърихи математикаи давраи баррасишаванда; омӯзиш ва ҳалли масъалаҳои математикиву астрономии дастхат бо усулҳои муосир, бо мақсади муайян намудани сатҳи дониши толибилмон ва барномаҳои таълимӣ аз фанни математика дар мадрасаҳои Бухоро; дар асоси омӯзиши дастхати мазкур баҳо додан ба вазъи илмҳои дақиқ, аз он ҷумла математика дар Аморати Бухорои давраи хронологии баррасишаванда.

Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсионӣ ва хулосаҳои таҳқиқотро мувофиқати натиҷаҳои асосии он бо самтҳои рушди фанҳои дақиқ дар Тоҷикистон, мутобиқати хулосаҳои ҳосилшуда бо матлабҳои асосии омӯзиши таърихи ватанӣ ва улуми дақиқ дар донишгоҳҳо таъмин менамояд.

Автореферат мазмуну муҳтавои дисертатсияро пурра инъикос менамояд.

**Натиҷаи умумии экспертизаи комиссияи экспертӣ**

Диссертатсияи Гулматов Маҳмадалӣ Давлаталиевич дар мавзӯи «Маджмаʻал-аркам» Мирзы Бадиʻ Дивана как источник по истории математики Бухарского эмирата XIX - начала XX веков», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси

07.00.10 – Таърихи илм ва техника (таърихи математика), ки мутобиқи ихтисос ва соҳаи илмии шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-061омода гардидааст, ба ҳимоя қабул кардан мумкин аст.

**Қарори комиссияи экспертӣ**

Дар асоси банди 56 Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №267 аз 30.06.2021) комиссияи экспертии Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-061қарор мекунад:

1. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсияи номзадии Гулматов Маҳмадалӣ Давлаталиевич дар мавзӯи«Маджмаʻал-аркам» Мирзы Бадиʻ Дивана как источник по истории математики Бухарского эмирата XIX - начала XX веков», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.10 – Таърихи илм ва техника (таърихи математика) омода гардидааст, ба ихтисос ва соҳаи илмии шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-061 мувофиқ мебошад.
2. Дар диссертатсия нуқтаҳои илмие ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, ки дар соҳаи таърихи илмҳои дақиқ навгонии илмӣ маҳсуб меёбанд. Натиҷаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои муаллиф паҳлуҳои назариявӣ ва амалии илми таърих, аз он ҷумла таърихи илмҳои дақиқро такмил медиҳанд ва ба рушди омӯзиши таърихи математика, ки дар ҷумҳурии мо мубрамияти он баръало эҳсос мегардад, муътамадона мусоидат менамоянд.
3. Тибқи ҳадафи таҳқиқоти диссертатсионӣ, бори нахуст дар асоси дастнависҳои шарқӣ ва маводи таърихӣ, дар шакли монография таҳқиқоти пурра ва махсус оид ба таърихи математикаи тоҷики асрҳои XIX - аввали XX таҳия ва анҷом пазируфтааст.
4. Микдор ва сифати мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия нашршудаи довталаб ба талаботи «Низомномаи Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ» ва меъёрҳои «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)» пурра ҷавобгӯ мебошанд. Натиҷаҳо ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро ифода менамоянд.
5. Дар диссертатсия ҳамаи адабиёти истифодашуда бо ишора ба муаллифон ва маъхазҳо тавассути иқтибосоварӣ ба расмият даровarda шуда, пурра риоя шудааст.
6. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз номи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи

давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» хоҳиш карда мешавад, ки барои қабул ва ташкили ҳимояи диссертатсияи номзадии Гулматов Маҳмадалӣ Давлаталиевич тибқи муқаррароти Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ дар заминаи Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-061, иҷозат дода шавад.

Пешниҳод мегардад, ки дар мавриди гирифтани иҷозат, муассисаи пешбари диссертатсия **Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров** таъйин карда шавад.

Пешниҳод мегардад, ки муқарризони расмии диссертатсия **Сатторов Абдурасул Эшбекович** – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи алгебра ва геометрияи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ва **Мақсадов Ҳабибулло Исматович** – номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи матетматикаи олӣ ва фанҳои табиатшиносии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон таъйин карда шаванд.

Пешниҳод мегардад, ки ба нашру панҳкунии автореферат ва инчунин барои дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав гузоштани эълон оид ба ҳимоя ва гузоштани матни диссертатсия ва автореферат иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия**:
доктори илмҳои таърих,
профессор — Б. Р. Қурбонов

**Узви комиссия**:
доктори илмҳои педагогӣ,
профессор — М.С. Шодиён

**Узви комиссия**:
номзади илмҳои таърих — Б. Шарифзода

Тасдиқ мекунам:
Сардори ШК ва корҳои махсуси
ДДБ ба номи Носири Хусрав: — Ҷ.А. Шукурзод

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС